# НАМУНАИ

## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни таърих барои олимпиадаи
## ҷумҳуриявии фаннии хонандагони
## муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

1 **Харобаи Кӯҳи Хоҷа ба давраи мавҷудияти кадом давлат марбут аст?**

A) Юнону Бохтар B) Кушониён C) Ашкониён D) Сосониён

2 **Дар арафаи ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ҳокими Порт кӣ буд?**

A) Пратофарн B) Сатибарзан C) Ороди I D) Сурона

3 **Кадом халифаи араб забони арабиро ба ҷои забони паҳлавӣ давлатӣ эълон карда буд?**

A) Ҳорунаррашид B) Абдумалик C) Муовия D) Маъмун

4 **Ҷунбиши Сурхаламон дар куҷо ба амал омада буд?**

A) Марв B) Табаристон C) Самарқанд D) Балх

5 **Ҳасани Бармакӣ вазири кадом давлат буд?**

A) Сомониён B) Салҷуқиён C) Саффориён D) Ғазнавиён

6 **Кони Мансур – бузургтарин кони нуқраю сурби аҳди Сомониён дар ҳудуди кадом давлати имрӯза ҷойгир аст?**

A) Ӯзбекистон B) Тоҷикистон C) Афғонистон D) Эрон

7 **Кадом ҳокими давлати Сарбадорони Хуросон ба мавҷудияти давлати Элхониёни Эрон хотима гузошт?**

A) Хоҷа Алии Муайид
B) Хоҷа Шамсуддин
C) Шайх Халифа
D) Хоҷа Яҳё

8 **Муаллифи рисолаи "Таърихи ҷаҳоннамоӣ"-ро муайян кунед.**

A) Ҷунайд Мулло Аваз Муҳаммад
B) Мулло Ниёзмуҳаммад
C) Муҳаммад Ҳакимхон
D) Муҳаммад Яъқуб

9 **Дар давраи ҳукмронии Темуриён чиро *ихроҷот* меномиданд?**

A) навъи андоз
B) навъи маҷбурият
C) шакли заминдорӣ
D) воҳиди маъмурӣ

10 **Дар Бухорои Шарқӣ солҳои 1922-1924 кадом мақоми идорӣ фаъолият дошт?**

A) Комиссияи Фавқулодаи Диктаторӣ
B) Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ
C) Ташкилоти ҳарбии Туркистон
D) Шӯрои Ҳарбӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**11** **Дар харита ҳудуди кадом давлат тасвир шудааст?**




A) Куртҳои Ҳирот
B) Сарбадорони Хуросон
C) Зиёриён
D) Ғуриён

**12** **Ҷанговари тоҷик, ки барои корнамоӣ дар муҳорибаи Курск сазовори унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гардид.**

A) Аҳмад Турдиев
B) Неъмат Қарабоев
C) Исмоил Ҳамзаалиев
D) Тӯйчӣ Эрйигитов

**13** **Дар ин давра кӣ роҳбари Тоҷикистон буд: *“Ҳокимияти Шӯравӣ дар бораи бекор намудани тартиби карточкагӣ ба молҳои саноатӣ ва хӯрокворӣ қарор қабул намуд”*?**

A) Бобоҷон Ғафуров
B) Ҷаббор Расулов
C) Қаҳҳор Маҳкамов
D) Раҳмон Набиев

**14** **Бозиҳои аввалини олимпӣ дар Юнони Қадим кадом сол баргузор гардиданд?**

A) 456 пеш аз мелод
B) 556 пеш аз мелод
C) 660 пеш аз мелод
D) 776 пеш аз мелод

**15** **Аввалин бонкдорони Аврупоро муайян кунед.**

A) фаронсавиҳо B) итолиёвиҳо C) олмониҳо D) англисҳо

**16** **Масъалаи асосии Конференсияи Генуяро муайян кунед.**

A) пардохти қарзи Русияи подшоҳӣ ва Ҳукумати Муваққатӣ
B) тақсими мустамликаҳои Туркияи Усмонӣ
C) соҳиб гаштан ба ҷазираҳои Уқёнуси Ором
D) муайян кардани низоми муносибатҳои байналмилалӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc

**17** **Кӣ бори аввал истилоҳи “фарҳанги оммавӣ”-ро истифода кард?**

**A)** Р. Раушенберг **B)** Р. Ҳамилтон **C)** Э. Уорхел **D)** Д. Белл

**18** **Мақсади Созмони байналмилалии “Гринпис”-ро муайян намоед.**

**A)** паст кардани шиддати муносибатҳои байналмилалӣ

**B)** аз байн бурдани қафомонии иқтисодии давлатҳои “ҷаҳони сеюм”

**C)** аз байн бурдани хатарҳои экологӣ ва ҳифзи муҳити зист

**D)** паҳн кардани арзишҳои демократияи ғарб дар ҷаҳон

**19** **Мувофиқати ёдгорӣ ва макони ҷойгиршавии онро муайян кунед:**

**A)** Саразм

**B)** Тахти Сангин

**C)** мақбараи Сайфуддини Бохарзӣ

**D)** қалъаи Вомар

**1)** Бухоро

**2)** Панҷакент

**3)** Рӯшон

**4)** Қубодиён

**5)** Восеъ

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**20** **Мувофиқати муаллиф ва асарро муайян кунед:**

**A)** Атомалики Ҷувайнӣ

**B)** Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ

**C)** Абунасри Утбӣ

**D)** Мирмуҳаммадамини Бухорой

**1)** “Убайдуллоҳнома”

**2)** “Меҳмонномаи Бухоро”

**3)** “Таърихи Ҷаҳонкушо”

**4)** “Таърихи Яминӣ”

**5)** “Таърихи Масъудӣ”

**Ҷавоб:**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | | | | | |
| B | | | | | |
| C | | | | | |
| D | | | | | |

**21** **Мардикоре, ки ба хуруҷи халқӣ дар Қалъаи Лабиоб (Тоҷикободи ҳозира)-и бекигарии Қаротегин сарварӣ мекард.**

**Ҷавоб:** ______________________________

**22** **Назорати қатъии давлат аз болои нашри китоб ва воситаҳои ахбори оммаро чӣ меноманд?**

**Ҷавоб:** ______________________________

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**1. Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (ҳоким, халқият, воҳиди маъмурӣ ва давлатҳо)-ро нависед.**

а) Катибаи Сурхкутал ба замони ҳукмронии шоҳ ____________________ рабт дорад.
б) В.В. Бартолд _____________________-ро финикиёни Шарқ номидааст.
в) Дар аҳди Сомониён солҳои 913-914 дар _________________ шӯриш ба амал омада буд.
г) Сулҳи Сан-Стефано соли 1878 байни _____________ ва __________имзо шуда буд.

> ! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 12, барои ҳар ҷавоби дуруст – 3 хол.

**2. Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (сулола, муаллиф, орден ва давлат)-ро нависед.**

а) Малик Фахруддин намояндаи сулолаи ___________________________ буд.
б) Муаллифи асари “Фатҳномаи султонӣ” ____________________________ мебошад.
в) Соли 1972 Тоҷикистон бо ордени “________________________” мукофотонида шуд.
г) Қонунҳои Драконт дар давлати _________________ қабул карда шуданд.

> ! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 12, барои ҳар ҷавоби дуруст – 3 хол.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**3. Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (ҳоким, андоз, сол ва шӯриш)-ро нависед.**

а) Шӯриши Абубакри Нонвой дар давраи ҳукмронии ___________________________ ба амал омада буд.
б) Дар аморати Бухоро андозе, ки аз боғу токзор, кишти юнучқа, полиз ва обчакорӣ ситонида мешуд, __________________ ном дошт.
в) Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино _________________ соли ____________ таъсис дода шуд.
г) Соли 821 дар Осиёи Хурд ҷунбиши халқӣ сар зад, ки дар таърих бо номи “____________________________________” маълум аст.

> ! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 12, барои ҳар ҷавоби дуруст – 3 хол.

**4. Дар ҷумлаҳо калима ва ибораҳои мувофиқ (шаҳр, ҳоким, давлат, генерал, ҷараён дар санъат)-ро нависед.**

а) Мақбараи Шайх Муслиҳиддин дар шаҳри _______________ бино ёфтааст.
б) Соли 1708 дар Бухоро шӯриш сар зад, ки ба муқобили _________________________ равона шуда буд.
в) Дар пахши фоҷиаи суннимазҳабон ва шиамазҳабон дар Бухоро (соли 1910) аскарони русро генерал ____________________ сарварӣ мекард.
г) Салвадор Дали, Рене Магрит ва Макс Эрнст пайравони ҷараёни ________________ буданд.

> ! Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 12, барои ҳар ҷавоби дуруст – 3 хол.

**5. Ҷумлаҳои матни китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих”-ро пурра кунед.**

*“Соли _________ дар Ҳироту Систон ва дигар вилоятҳои Хуросон ошӯби наве сар зад, ки пешвои он Устод Сис ва ҳамсафи сиистонии вай Ибни Ҳурайш буд. Номи аслии Устод Сис _____________________ буда, дар ________________________ ба камол расидааст.*

*Халифа Абуҷаъфари Мансур ба муқобили ошӯбгарони Устод Сис сарлашкари номдори араб Хозим ибни Хузаймаро бо 22 ҳазор сарбози якачин фиристод. Дар ҷараёни ҷанги шадид ҳарду ҷониб талафоти зиёд доданд. Дертар духтари Устод Сис бо номи ______________________ зани қонунии халифа Ҳорунаррашид ва модари Маъмун гардида, дар пуштибонӣ ва ҳимояти аҳли дарбор аз Хуросону Мовароуннаҳр кӯшишҳо намудааст”.*

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 12, барои ҳар ҷавоби дуруст – 3 хол. |
|---|---|

**6. Бо истилоҳоти таърихӣ ҷумларо пурра кунед.**

а) Дар Суғди Қадим боғи шикории шоҳонро __________________ ном мебурданд.

б) Соли 1837 амир Насрулло лашкари пиёдагарди доимӣ ва баталёни тӯпчиёнро ташкил дод, ки онҳоро _______________ меномиданд.

в) Масъули тақсими даромад аз амволи вақф ба ӯҳдаи ________________________ буд.

г) Дар давлати Спарта ғуломонро _________________ ном мебурданд.

| ! | Шумораи имконпазири бештарини холҳо – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj